«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
________________ Ибодзода З.Ҳ.
аз «___» _____ соли 2024 № 3

# НИЗОМНОМАИ
# МАҲФИЛИ ИЛМИИ ФАННӢ ДАР НАЗДИ КАФЕДРАҲОИ МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ – ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи маҳфили илмии фаннӣ дар назди кафедраҳои МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (минбаъд Низомнома) дар асоси зербанди 5,3 банди 5 Низомномаи кафедраи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (фармоиши ректори донишкада аз 01.02 соли 2023, №01), зербанди 4,5 банди 4 Низомномаи Шурои олимони факултети МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (фармоиши ректори донишкада аз 01.06 соли 2021, №02), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09 соли 2020, №526), банди 3 Низомномаи факултети МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (фармоиши ректори донишкада 01.11 соли 2023, №16) ва Оинномаи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (2020) таҳия карда шудааст.

1.2. Маҳфили илмии фаннӣ ҷузъи таркибии сохтори кафедраҳои МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ба шумор меравад.

1.3. Маҳфили илмии фаннии кафедра ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад карда наметавонад.

1.4. Маҳфили илмии фаннӣ тибқи муқаррароти амалкунанда дар асоси пешниҳоди мудири кафедра ва тавсияи муовини ректори донишкада оид ба илм ва инноватсия, ташкил карда шуда, ҳамчун қоида ба ҳайати кафедра дохил шуда, роҳбарии онро мудири кафедра ба ӯҳда дорад.

1.5. Низомномаи мазкур вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти маҳфил ва муносибати мутақобилаи онро бо дигар воҳидҳои сохтории кафедра, факултет ва донишкада муайян менамояд.

## 2. Ташкили фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ

2.1. Тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолият, салоҳият ва инхоби ҳайати маҳфили илмии фаннӣ мутобиқи Низомномаи кафедра, Низомномаи Шурои олимони факултет, Низомномаи Шурои олимони донишкада ва Низомномаи мазкур муқаррар карда мешавад.

2.2. Ба ҳайати маҳфили илмии фаннӣ мудири кафедра (раиси маҳфил), омӯзгорону донишҷӯёни болаёқати кафедра (аъзои маҳфил) ва хоҳишмандон, донишҷӯёни болаёқати кафедраҳои дигари донишкада, созмонҳои донишҷӯён ва ҷавонон метавонанд дохил бошанд.

2.3. Фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ тибқи Низомномаи мазкур ва нақшаи кории аз тарафи муовини ректори донишкада оид ба илм ва инноватсия тасдиқ гардида, амалӣ гардонида мешавад.

2.4. Ба нақшаи кории маҳфили илмии фаннӣ тибқи пешниҳоди ректори донишкада тағйиру иловаҳо ворид карда шавад.

2.5. Дар ҷаласаҳои маҳфили илмии фаннӣ омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни дигар кафедраҳо метавонанд бо даъвати раиси маҳфили илмии фаннӣ иштирок намоянд.

2.6. Татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотии иштирокчиёни маҳфили илмии фаннӣ дар марказҳои илмӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, озмоишгоҳҳо ва берун аз он ба роҳ монда шавад.

2.7. Тартиби ташкил ва ҳуҷҷатгузории маҳфили илмии фаннӣ ба ӯҳдаи раиси маҳфил (мудири кафедра) гузошта мешавад.

## 3. Салоҳияти маҳфили илмии фаннӣ

3.1. Раиси маҳфил ҳисоботи 3, 6 ва 9 моҳа ва солонаи маҳфили илмии фанниро ба муовини ректори донишкада оид ба илм ва инноватсия пешниҳод намояд.

3.2. Доир ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба нақшаи кории маҳфили илмии фаннӣ таклифҳо пешниҳод намояд.

3.3. Масъалаи ҳавасмандкунии омӯзгорон ва донишҷӯёни болаёқати аъзои маҳфилро ба мукофотҳои дар донишкада пешбинишударо баррасӣ намуда ба Шурои олимони факултет пешниҳод намояд.

## 4. Ӯҳдадорӣ ва вазифаҳои раиси маҳфили илмии фаннӣ

4.1. Фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ тибқи Низомномаи маҳфили илмии фаннии донишкада ба роҳ монда, роҳбарии онро раиси маҳфил (мудири кафедра) ба зимма мегирад.

4.2. Вобаста ба дархости роҳбарият оид ба масъалаҳои фаъолияти маҳфил ва дигар масъалаҳо сари вақт иттилооти зарурӣ манзур менамояд.
4.3. Ташкил ва баррасии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён ва олимони ҷавонро ба роҳ мемонад.
4.4. Дар доираи салоҳияти худ ба аъзои маҳфили илмии фаннӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.
4.5. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои иҷрои ҳалли масъалаҳои вобаста ба самти фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ аз роҳбарияти донишкада дастур мепурсад.

## 5. Қатъ гардидани фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ

5.1. Фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ бо қарори Шурои кафедра ва бо розигии муовини ректори донишкада оид ба илм ва инноватсия қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада 31. 01 соли 2024 (протоколи №6/2-6 баррасӣ гардида, маъқул дониста шудааст.